**ТАҚРИЗ**

**ба фишурдаи диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 – Фолклоршиносӣ, 10.01.01 – Адабиёти тоҷик).**

Таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои фолклории осори суханварони гузаштаву имрӯз ба шумори мавзуоте шомил аст, ки барои муайян намудани сарчашмашиносии эҷодиёти адибон, таъйини арзишҳои ҳунарии адабиёт ва дигар ҷанбаҳои осори адабӣ нақши муҳим дорад. Бо такя бар ин назар, ки нахустин намунаҳои осори адабӣ низ дар шакли шифоҳӣ зуҳур намуда, мардум эҷодкори аввалин падидаҳои таълифоти бадеиву ҳунарӣ эътироф гардидаст, мероси хаттии гузаштагон ва эҷодиёти суханварони имрӯз саршори ин навъи манобеи тафаккури бадеӣ ва сарчашмаи зуҳури адабиёти асил мебошанд. Дар канори ин, бозтоби аносири эҷодиёти лафзии халқ, падидаҳои фарҳанги мардумӣ, ҳунармандӣ, урфу одат ва расму оинҳо ба ҳукми тамоюлҳое қарор гирифтаанд, ки дар умум ҷанбаҳои фолклории осори бадеиро муқаррар месозанд. Бар асоси дидгоҳҳои мазкур мавриди пажӯҳиш қарор додани дилхоҳ асари бадеӣ метавонад ҷанбаҳои фолклории онро муқаррар ва нақши пуртаъсири онро дар таҳаввули тафаккури бадеии адиб дақиқу мушаххас намояд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» дар шумори чунин таълифоти арзишманди илмӣ қарор гирифтааст, ки дар меҳвари баррасиҳои илмии он маҳз муқаррар намудани ҷанбаҳои фолклории осори манзум ва мансури нависандаи соҳибноми тоҷик Раҳим Ҷалил ва нақши он дар ташаккули тафаккури бадеии ӯ ҷой дорад.

Мавзуи барои таҳқиқ интихобшуда аз тозагиҳои зиёде бархурдор буда, то кунун дар сатҳи як пажуҳиши мустақили илмӣ дар ин бора таълифоте ба сомон нарасидааст.

Саҳми шахсии муаллиф пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик чунин мавзуи муҳим ва дорои аҳамияти шоистаи илмро ба риштаи таҳқиқ кашида, бар ин асос ҷанбаҳои фолклории осори манзум ва мансури Раҳим Ҷалилро баррасӣ ва дар асоси он нақши эҷодиёти лафзии халқро дар ташаккули тафаккури бадеии

нависанда муқаррар кардааст. Дар баробари ин, диссертант аз рӯи мавзуи мавриди таҳқиқ дар чанд конфронсҳои илмии сатҳи мухталиф иштирок ва суханаронӣ намудааст. Ба таври куллӣ, аз рӯи мавзуи таҳқиқшуда 9 мақола, аз ҷумла 5 адад дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонидааст, ки саҳми шахсии ӯро дар таҳқиқу баррасии мавзуи интихобшуда муқаррар месозанд.

Дар фишурдаи диссертатсия мазмуни асосии се боби он дар бораи нақши фолклор дар ташаккули тафаккури бадеӣ ва ҷойгоҳи он дар ашъори Раҳим Ҷалил, ҷанбаҳои фарҳанги мардумӣ дар ҳикояву қиссаҳои Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеии нависанда ва мавқеи унсурҳои фолклор дар романҳои Раҳим Ҷалил «Одамони ҷовид» ва «Шӯроб» ба таври матлуб нигошта шудааст. Дар қисмати Хулосаи диссертатсия натиҷаҳои куллии ба даст омада аз таҳқиқу баррасии мавзуъ ҷойгузин шудаанд. Дар умум, метавон изҳор дошт, ки диссертатсия бо истифода аз манобеъ, осори пажуҳишӣ, маводи фаровони эҷодиёти лафзии халқ, услуби илмӣ ба қалам омада, аз аҳамияти муҳим дар шинохти арзишҳои адабиву бадеии осори Раҳим Ҷалил бархурдор аст.

Дар канори чунин дастовардҳои шоён фишурдаи диссертатсия аз камбудиҳо низ холӣ намебошад, ки ислоҳи онҳо метавонад арзиши илмии ин таълифро бештар аз ин биафзояд:

1. Дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзуъ муаллиф хеле муфассал масъалаи равандҳои таҳқиқи корбурди аносири фолклор дар адабиётро дар адабиётшиносии ватанӣ ва хориҷӣ шарҳу тафсир намудааст, то дар асоси он ҳадафҳои пажуҳишии хешро дақиқу равшан манзур созад. Ба назар мерасад, ки на ҳамаи пажӯҳишҳои дар ин замина дар адабиётшиносии хориҷӣ, хоса кишварҳои ҳамзабон, русу Аврупо ба анҷомрасида мавриди омӯзиш ва истифодаи муаллиф қарор гирифтаанд.

2. Таснифоти корбурди унсурҳои фолклор дар ашъори Раҳим Ҷалил бояд мутобиқи меъёрҳои муайяни фолклоршиносию адабиётшиносӣ сурат мегирифт, ки дар фишурда ин матлаб ба назар намерасад.

Албатта, қайду эродҳои манзуршуда бештар ҳукми пешниҳодро доранд ва ҳаргиз арзиш ва аҳамияти диссертатсияро кам намекунанд. Дар умум, таъкид метавон намуд, ки диссератсияи Юсупова Мусабе Исломовна дар мавзуи «Ҷанбаҳои фолклории эҷодиёти Раҳим Ҷалил ва нақши онҳо дар тафаккури бадеӣ ва услуби эҷодии нависанда» кори ба поёнрасида ба шумор рафта, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00. Адабиётшиносӣ

(10.01.09. Фолклоршиносӣ, 10.01.01. Адабиёти тоҷик) муқаррар шудааст, мувофиқ мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
ёвари вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудзода Обидҷон

Нишонӣ: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н.Сино, кӯчаи Маяковский, 1
Тел.: + 992 985728101
E-mail: mirobid-26@mail.ru
Сомонаи муассиса: www. maorif.tj

Имзои О.Б. Маҳмудзодаро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон Саъдуллозода Шамсиддин

Нишонӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад, 13ᵃ
Тел.: + 992 (37) 223-19-76
Факс: + 992 (37) 221-70-41
E-mail: mirobid-26@mail.ru
Сомонаи муассиса: www. maorif.tj

30. 08. 2024